**Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)**

Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) январи соли 1995 ба ивази созишномаи кулли таърифа ва тиҷорат (GATT – General Agreement of Tariffs and Trade) ба кор шурӯъ намуд, ки базаи қонунгузор ва созмондиҳандаи низоми гуногунҷабҳаи тиҷоратӣ мебошад. Созмон муқаррароти асосии қарордодиро таҳия мекунад, ки дар асоси онҳо ҳукумматҳои кишварҳо қонунгузории дохилии тиҷоратии худро шакл ва татбиқ медиҳанд.
Созмон ҳамчун ба ҳайси барнома (платформа)-ест, ки дар он ҳолати баҳсҳо, гуфтушунидҳо ва муайянсозии даъвоҳои якдигарӣ равобити тиҷоратии байни кишварҳо бунёд мегирад. Вазифаҳои асосии СУС чунинанд:

- омодасозӣ ва татбиқи созишномаҳои бисёрҷабҳа ва гуногунҷабҳаи тиҷоратӣ, ки асоси Созмонро ташкил медиҳанд;
- пешниҳоди имконот барои гуфтушунидҳо ва ҳалли баҳсҳо дар соҳаи савдо (тиҷорат);
- назорат бар сиёсати тиҷоратии кишварҳо;
- ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои байналмилалӣ, ки ба ҳалли масоили иқтисоди ҷаҳонӣ машғуланд.

Мутобиқ ба низомномаи махсус тақозо мешавад, ки ба моли аз дигар кишвар ворид шуда, мисли моли дар дохили кишвар истеҳсолшуда, муносибат карда шавад. Дар чаҳорчӯбаи Созмон саҳмия (квота) маъмулан бекор карда мешавад, дар ҳоле ки таърифа ва ҳаққи гумрукӣ боқӣ мемонанд. Паст кардани нархҳои таърифа, ки ба он 120 кишвари иштирокчии гуфтушунидҳо оид ба сиёсати ГАТТ дар Уругвай даст заданд, дар асноди миллии доир ба нархи таърифа сабт шудааст.

Аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо бо назардошти асноди нормативии кишварҳо баъзе ӯҳдадориҳо қабул кардаанд, ки фаъолиятро дар соҳаи хидматрасонӣ танзим мекунанд. Ин ӯҳдадориҳо мисли нархҳои таърифа ба асноди миллии кишварҳо ворид карда шудаанд.

Органи олии созмон Конфронси вазирон аст, ки соле ду маротиба даъват мешаванд, дар ҳоле ки Шӯрои умумӣ, ки чунин кометети ҳакамия (арбитрож) ва кометети назорат бар татбиқи қонунгузориҳои тиҷоратӣ амал мекунанд, фаъолияти ҳаррӯза мебаранд.

Шӯрои умумӣ ваколатҳоро ба 3 органи дигар вогузор доштааст:

- Шӯрои савдои молҳо, Шӯрои тиҷоратии хидматрасонӣ ва Шӯрои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф. Ба Шӯрои умумӣ боз 4 орган, ки Конфронси вазирон таъсиси мекунад, тобеъ аст - Кометети савдо ва пешрафт, Кометети пардохтҳо, Кометети савдо ва экология, Кометети буҷа, молия ва идора. Аз болои созишномаҳои чандҷониба дар чаҳорчӯбаи Созмон дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, тадорукоти ҳукуматӣ, фурӯши маҳсулоти ширӣ ва гушти гов сохторҳои марбути Шӯрои умумӣ назорат мебарад.

Ба созмон раиси кулл сарварӣ мекунад, ки 4 ҷонишин дорад. Ба зимаи котибот вазифаи таъмини органҳои созмон бо маводи зарурӣ барои гузаронидани гуфтушунидҳо ва татбиқи созишномаҳо гузошта шудааст. Яке аз функсияҳои асосии вай ёрии экспертӣ ба кишварҳои дар ҳоли рушд камтавсеёфта мебошад. Иқтисодчиён ва коршиносони Созмон маводи таҳлилиро оид ба равобит ва сиёсати тиҷоратӣ омода месозанд, ҳуқуқшиносони Созмон ба ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ, ки тафсири Низомномаҳои Созмон талаб доранд, машғуланд. Ҳамзамон котибот ба масъалаи қабули аъзои нав машғул буда, ба ҳукуматҳое, ки нияти ворид шудан доранд, кӯмаки экспертӣ мерасонанд. Буҷаи Созмон мазкур тақрибан 83 млн. долларро ташкил медиҳад. Ҳаққи инфиродӣ дар асоси ширкати саҳмияи ҳар аъзо дар ҳаҷми умумии муомилоти савдоӣ, ки ҳамаи шарикон ба ҷо меоранд, муқррар карда мешавад. Қисмати буҷа ба Маркази тиҷоратии байналмилаӣ ворид мешавад. Котибот дар Женева қарор дорад.